Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати таҳқиқоти илмии Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод гардидааст.

Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи дигаргуниҳои ҷории ичтимоию иктисодӣ дар мамлакат ниҳоят муҳим мебошад. Фаъолияти устувори низоми бонкӣ дар таъмини рушди иктисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими суботи молиявии давлат накши калидӣ дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгирой ба иктисоди ҷаҳонӣ низоми бонкии тоҷикистон бо мушкилот ва имкониятҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Омӯзиши ҳолати муосири он имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда ошкор карда шаванд, самтҳои афзалиятноки такмил муайян карда шаванд ва тадбирҳои самараноки сиесати давлатӣ дар соҳаи бонкӣ таҳия карда шаванд.

Ҳамин тарик, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди низоми бонкии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҷиҳати навсозӣ ва баланд бардоштани устувории Он тадбирҳои муассир таҳия карда шаванд, ки дар ниҳоят ба рушди устувори иктисодии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар автореферати мазкур унвонҷӯ аз тарафи худ таҳлили амиқи низоми бонкиро овардааст, вазъи кунуниро дуруст арзёбӣ намудааст ва дар баробари ин аз тарафи худ пешниҳодҳои хуби асосно кардааст, ки барои такмилдиҳии низоми бонкӣ хуб мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии рисолаи мазкур, мехостам баъзан тавсияҳоро пешниҳод намоям, ки метавонанд ба арзиши илмию амалии таҳқиқот таъсири мусбӣ расонанд:

1. Хуб мебуд агар муаллиф дар асоси омӯзиши асосҳои назаривии низоми бонкӣ як ҷадвалро оид ба мафҳуми низоми бонкӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия менамуд.

Пешниҳоди мазкур хусусияти маслиҳатӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонад.

Аз ин ҷост, ки новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати рисолаи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд. Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақризнавис:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи идоракунии молияи давлатии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҷабборов А.Ҷ.**

Имзои **Ҷабборов А.Ҷ.-ро** тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси АИДНПҶТ Ғаюров Ф.З.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, куч. Саид Носир, 33. АИДНПҶТ
Тел: 907-719-353.
E-mail: jabborov1@mail.ru